**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Сарвати луғавии забон аз воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ иборат аст. Фразеологизмҳо аз бисёр ҷиҳатҳо ба воҳидҳои луғавӣ монанданд. Онҳо аз ду ва зиёда калимаи бо ҳам марбут, яъне дар шакли ибора ташкил ёфта бошанд ҳам, аз ибораҳои наҳвӣ фарқ мекунанд ва ба сифати воҳиди луғавӣ ба калима шабоҳат доранд, бинобар ин як миқдор хусусиятҳои калима ба фразеологизмҳо низ хосанд. Чи тавре ки ишора кардем, фразеологизмҳо дар мавриди сухан ба вуҷуд намеоянд, балки монанди калимаҳо дар забон дар шакли тайёр вуҷуд доранд. Пас, фразеологизм ҳодисаи нутқ набуда, балки ҳодисаи забонист. Фразеологизмҳо монанди калима ба ягонагии шаклу маъно соҳибанд.

Дар такя ба гуфтаҳои боло, бояд зикр намуд, ки унвонҷӯй Султанзода Заррина сараввал унвони диссертатсияро асоснок намуда, шарҳ медиҳад, ки дар асари мавриди таҳқиқ таҳлилу баррасии воҳидҳои фразеологӣ ва хусусиятҳои тарҷумапазириву тарҷуманопазирии онҳо ба шакли пурра мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор ёфтаанд.

Навгонии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик асари «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» таҳқиқоти илмӣ анҷом шуда бошад ҳам, вале воҳидҳои фразеологии дар ин асар истифодашуда ҳанӯз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифта, ҳатто мақолае дар ин росто ба чоп нарасидааст. Дар фразеологияшиносии тоҷик дар робита ба хусусиятҳои синонимӣ, антонимӣ, вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ, инчунин, оид ба асиливу иқтибосӣ будани ҷузъҳои онҳо таҳқиқоти зиёд сурат гирифта бошад ҳам, дар ин диссертатсия бахши татбиқии онҳо такя ба маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» сурат гирифтааст.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи осори илмию бадеӣ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Масалан, бахши «Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда» дар 8 номгӯ ба масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввали диссертатсия «**Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»** унвонгузорӣ шуда, фарогири шаш фасл мебошад, ки баррасии маъхазҳои асосии мавзуи таҳқиқро фаро мегирад. Муаллиф дар ин боб таъкид намудааст, ки асари мазкур дар муқоиса бо китобҳои насриву назмие, ки дар асрҳои IX-X бо забони форсии тоҷикӣ бевосита таълиф шудаанд, бинобар асари тарҷумавӣ-таълифӣ будан фарогири вижагиҳои зиёди калимасозиву таъбирофаринӣ буда, аз тарафи донишмандони гузаштаву имрӯз ҳамчун нахустин тарҷума ва тафсири расмии Қуръон эътироф гашта, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, ба гунае ки онро баробар бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ хондаанд. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз боризтарин асарҳои насрии давраест, ки дар таърихи забони тоҷикӣ ҳамчун ба майдоноии забони адабии тоҷик ва коркарди фонди асосии луғавии он ба шумор меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия – «**Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳанда**» номгузорӣ шуда, дар он талош шудааст, то нақши феълҳо, хусусан, феълҳои ёридиҳанда такя ба ВФ дар асар омада, баррасӣ гаштанд.

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиятҳои тарҷумавии ВФ дар асар»** буда, дар фасли аввали ин боб, ки **«Тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ»** унвон гирифтааст, андешаи донишмандони соҳаи тарҷума дар бораи тарҷумаи ин падидаи забонӣ оварда шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар 14 банд оварда шуда, ҳамчунин, дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ унвонҷӯй таҳияи луғатномаро вожаву истилоҳоти ахлоқиро тавсия менамояд, ки бешубҳа дар ташаккули афкори забоншиносӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Натиҷаҳои илмии бадастомада бидуни шак кори диссертатсиониро таҳқиқи мустақил ва анҷомёфта арзёбӣ менамояд. Сохтори кор мунтазам буда, ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқотие, ки унвонҷӯй ба миён гузоштааст мувофиқат менамояд.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертант норасоиву камбудиҳои ҷузъии имлоӣ ва ё техникӣ ба назар мерасанд. Ҳарчанд мавҷудияти онҳо дар ҳар пажуҳиши нахустини илмӣ ба мушоҳида мерасад, але арзиши илмии онро ҳаргиз коҳиш намедиҳад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Султонзода Заррина дар мавзуи «**Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ**» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири
кафедраи омӯзгории забонҳои Шарқи ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Тураев А. М.

**Нишонӣ:**

734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6, тел: (+99237)2-32-50-00,
E-mail: dbzkht.tj@mail.ru, тел: 918-21-99-82

Имзои А. М. Тураевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.
**«1» апрели соли 2024**

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС